Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе, 734067, кучаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳа ва Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 2; 8; 14 ва 15-и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, мувофиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**Аҳамияти мавзуи таҳқиқот "Фишангҳои татбиқи сиёсати давлатии минтақавӣ дар асоси шарикии давлатӣ-хусусӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)" бо якчанд омилҳои асосӣ вобаста аст. Якум, шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ аз давлат талаб мекунад, ки механизмҳои нави самараноки идоракунии рушди минтақавиро ҷустуҷӯ кунад. Шарикии давлатӣ-хусусӣ (ШДБХ) яке аз чунин механизмҳое ба ҳисоб меравад, ки қодир аст сармоягузорӣ ва салоҳиятҳои хусусиро барои ҳалли вазифаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ҷалб кунад. Дар минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки аксар вақт норасоии маблағҳои буҷетӣ ва захираҳои инфрасохторӣ мушоҳида мешавад, ШДБХ метавонад воситаи муҳим барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ гардад.

Дуюм, зарурати такмил додани сиёсати давлатии минтақавӣ дар заминаи рушди устувор таҳия ва татбиқи механизмҳои чандир ва мутобиқшавандаро талаб мекунад. ШДБХ имконияти ҳамкории зичтари давлат ва тиҷоратро фароҳам меорад, ва он имконият медиҳад, ки хусусиятҳои ҳар як минтақаро ба назар гирад ва ба мушкилоти пеш омада зуд вокуниш нишон диҳад. Таҳқиқи фишангҳои татбиқи ШДБХ дар минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки шаклҳо ва механизмҳои самараноки ҳамкорӣ ошкор карда шавад, инчунин омилҳои монеаи рушди ШДБХ дар минтақаи аён

муайян карда шаванд. Ин дар навбати худ имкон медиҳад, ки тавсияҳо оид ба такмили сиёсати давлатии минтақавӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи ШДБХ ҳамчун воситаи рушди минтақавӣ таҳия карда шаванд.

Албатта, ин аст сархати хотимавии иловашуда барои пайваст кардани ҳама чиз:

Ҳамин тариқ, зарурати ҷустуҷӯи механизмҳои нави рушди минтақавӣ, зарурати ҷалби сармояи хусусӣ ва салоҳият, инчунин талош барои такмили сиёсати давлатии минтақавӣ дар заминаи рушди устувор ҳамаи ин дар маҷмуъ ба аҳамияти баланди ин таҳқиқот оварда мерасонад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои таҳқиқоти илмӣ дар самаранокии истифодаи сиёсати минтақавии давлатӣ ва амалигардонии фишангҳои самти шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун унсури асосии таъсиррасони рушди устувори иқтисодии минтақа ва дар ин замина дарёфти роҳҳои асосии баландбардории самаранокии муносибатҳои иқтисодии он асос меёбад.

Муаллиф дар асоси таҳқиқоти назариявии диссертатсияи худ, пас аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ мафҳуми “шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ҳамчун низоми алоқаи байниҳамдигарии институтсионалии муташаккили давлат ва бизнес, ки дар шакли ташкили комплексии фаъолияти иқтисодӣ ва ба ҳам манфиатовар баррасӣ гардида, барои расидан ба ҳадафи ягона дар пойгоҳи якҷоякунии захираҳои моддӣ ва ғайримодии ниҳодҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии рушди иқтисоди мамлакат, зиёд намудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар тавлиди молу хизматрасониҳо ва рушди сифати зиндагии аҳолӣ пешниҳод намудааст.

Диссертант пас аз омӯзиши амиқ асоснок кардааст, ки дар сатҳи минтақавӣ маҷмуи соҳаҳое вуҷуд доранд, ки дар онҳо хусусигардонӣ ва зиёд намудани ҳиссаи бахши хусусӣ имконнопазир ва манфиатовар аст. Илова бар ин дар айни замон онҳо зарурати ба ташаккул ва истифодаи фишангҳои сиёсати давлатӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусиро доранд, соҳаҳое, ки ба онҳо дар ин самт афзалият ва авлавият дода мешавад, ин пеш аз ҳама, энергетика, шоҳроҳҳои автомобилӣ, роҳи оҳан, таъмини газ, об ва гармӣ, хоҷагии коммуналию манзилӣ, хоҷагии деҳот, тандурустӣ, маориф ва ғайра дар назар дошта мешаванд. Асоси ин гуна муносибатҳоро самаранокии алоқаи байниҳамдигарии давлат ва тиҷорат ташкил намуда, истифодаи принсипҳо ва шаклҳои муътадилгардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ зарур аст.

Диссертант дар кори илмии худ муайян кардааст, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси таҷзиякунонии ҳуқуқҳои моликият ва таъсири омилҳои рушди мутақобилаи бизнес-сохторҳо амал мекунанд. Он бо роҳи ивази ихтиёрии салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун (миллӣ ва минтақавӣ) амалӣ карда мешавад. Бахши давлатӣ баъзе афзалиятҳои иқтисодӣ ва шартномавии муайянро ба бахши хусусӣ пешниҳод менамояд ва дар натиҷа самаранокии рушди иқтисодии минтақаи алоҳида аз ҳисоби намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ баланд бардошта мешавад, ки дар онҳо ҳиссаи бахши хусусӣ бояд бештар карда шавад.

Ҳамчун навгонии дигар муаллиф таҷрибаи хориҷиро оид ба ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ омӯхта пешниҳод кардааст, ки дар ин гуна ҳамкориҳо ҳиссаи бахши хусусӣ мунтазам бештар карда шуда, ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ, танзими фаъолият, ба даст овардани манфиати иқтисодӣ ва амалисозии лоиҳаҳо бо истифодабарии механизми ҳамоҳангии давлат ва тиҷорати хусусӣ афзалият ва авлавият дода шавад.

Пас аз омӯзиши ҳамаи паҳлуҳои қори илмии худ муаллиф тавсияҳо оид ба беҳтар намудани фазои институтсионалии фаъолияти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ таҳия намудааст, ки қабули меъёрҳои нав ва иловагиро дар назар доранд, инчунин самтҳои мушаххаси шарикии мақомоти давлатӣ ва соҳибкории хусусиро муҳим нишон медиҳанд, инчунин муайян намудааст, ки тақсимоти захираҳо, масъулияти иштирокчиёни раванд, муайян кардани сатҳи рушди иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ аз заминаи меъёрии муайяншуда вобастагии калон дорад.

Муҳақиқ дар асоси таҳқиқоти худ тавсияҳо роҷеъ ба мукаммалгардонии механизми ташкилию иқтисодии амалигардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷалб ва ҳамоҳангсозии ассатсисатсияҳои тиҷоратӣ дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аз байн бурдани қарздоршавии бахши хусусӣ дар назди муассисаҳои давлатӣ, таъмин намудани кафолати буҷетӣ ва таъмини иҷроиши самараноки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа пешниҳод кардааст. Инчунин механизми мукаммалгардонии низоми идоракунии ҳамкории шариконаи давлат ва бахши хусусӣ коркард ва тавсия шудааст, ки дар худ тавсияҳо роҷеъ ба истифодаи самараноки иқтидорҳои иқтисодӣ, алоқамандӣ ва ҳамбастагии омилҳои истеҳсолот, роҳҳои танзими талабот ва пешниҳод дар бозорҳои минтақавӣ, дарёфти усулҳо ва роҳҳои таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа вобаста ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мувозинати сатҳи нархҳо дар сатҳи минтақавӣ ва самаранокии иқтисодиро фарогир мебошад.

Дарачаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок мегардад, ки дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва методии мафҳуми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шакли ташкили комплексии фаъолияти иқтисодӣ баррасӣ гардида, мақсади он баланд бардоштани самаранокии рушди иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикисон ба ҳисоб меравад, намудҳо, шаклҳо ва принсипҳои ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусии сатҳи минтақавӣ дар фаъолияти иқтисоди миллӣ асоснок карда шудааст, ки дар натиҷа самаранокии шарикии бахши давлатӣ ва хусусиро пурзӯр мегардонад, авлавияти иқтисодӣ ва афзалияти ҳамкориҳо ҳангоми иҷрои шартномаҳои мутақобила дар натиҷаи амалӣ намудани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ пешниҳод гардидаст, ки аз ҳисоби намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ, самаранокии иқтисодии минтақаҳо баланд бардошта мешавад, зарурати мунтазам зиёд намудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми таъмини рушди иқтисодии минтақа баррасӣ гардидааст, тамоюлҳои рушди иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ вобаста аз омилҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ) ошкор гардидааст, самтҳои такмили ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа вобаста аз таҳия ва коркарди механизмҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ асоснок карда шудааст, инчунин механизми мукаммалсозии низоми идоракунии ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ коркард карда шудааст, ки ба беҳтарсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ равона гардидааст.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Натиҷаҳои асосии назариявии таҳқиқот ҳангоми фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва корхонаю ташкилотҳои соҳаҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Муҳимияти амалии диссертатсия дар истифодабарии натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба сифати воситаи таҳлили иқтисодиёти минтақавӣ, инчунин таҳлили падидаҳои нави шарикии давлат ва бахши хусусии ҷумҳурӣ барои самаранок истифодабарии имкониятҳои муосири бахши давлатӣ ва хусусӣ истифода бурда мешаванд. Инчунин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар раванди фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии "Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ", мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои коркарди тавсияҳо ҷиҳати мукаммалгардонии фишангҳои идоракунии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсиониро ба сифати маводи таълимӣ барои таълиму тадриси чунин фанҳо истифода кардан мумкин аст:

«Иқтисодиёти минтақавӣ», «Шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Менеҷмент», «Назарияи иқтисодӣ», «Менеҷменти сармоягузорӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Сиёсати инвеститсионии давлат» ва ба монанди инҳо.

**5. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Экспертизаи диссертатсияи мазкур нишон дод, ки муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**6. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Зоҳири Т. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**7. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муқаддима, 3 боб, нуҳ зербоб, 16 ҷадвал, 18 расм, 5 диаграмма, хулоса иборат буда, бо истифода аз 208 сарчашма таҳия карда шуда, дар 204 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

**Дар муқаддима,** мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

**Дар боби аввал – «Ҷанбаҳои назариявии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити муосир»** таҳаввулоти назариявии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамчун категорияи иқтисодӣ, моҳият, омилҳо ва усулҳои муайян кардани ҳамкориҳо, инчунин таҷрибаи хориҷии истифодаи самараноки ҷузъиёти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар сатҳҳои гуногун, алалхусус, дар сатҳи минтақавӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф ҳангоми таҳияи боби аввал дар баробари омӯзиши ҷанбаҳои назаривӣ ба хулосае омадааст, ки механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ин танҳо воситаи сохтмон ва таҷдиди объектҳои инфрасохтори

иҷтимоӣ нест, имрӯзҳо бояд талаботи ҷонибҳо нисбати механизми мазкур васеътар карда шаванд. Тавасути механизми мазкур дар бунёд ва рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва объектҳои стратегӣ ва барои давлат муҳимро заминагузорӣ намояд. Айни замон хусусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили механизми мавриди назар дар соҳаҳои зерин муҳим тавсия мегардад, чун ташкили инфрасохтори рушди илм, инноватсия, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, сохтмони роҳҳо, гузаргоҳҳои кӯҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, сохтмони тарҳи нави муассисаҳои ислоҳотӣ, бошишгоҳҳои наздисарҳадии низомиён ва ғайра (саҳ. 15-21)

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки таснифоти нисбатан дурусти шаклҳои мавҷудаи шарикии давлат ва бахши хусусиро мутахассисони Маркази рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ анҷом додаанд, ки дар «Дастурамалҳо оид ба иҷрои лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар субъектҳои Федератсияи Россия» ном дорад ва истифодаи он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз аҳаммият холӣ нест. Мавриди зикр аст, ки дар санади мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ва бештар ба ташкилдиҳии фаъолияти муштараки миёни давлат ва бахши хусусӣ дода шудааст. Илова бар ин, тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ шаклҳои зиёди ШДБХ мавҷуд буда, онҳо номҳои гуногун доранд ва дар доираи васеи соҳаҳои инфрасохторӣ мавриди истифода қарор мегиранд. (саҳ. 33-41)

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо мақсади такмили низоми идоракунӣ ва рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба таҷрибаи андӯхтаи давлатҳои тараққикарда бо дарназардошти мутобиқати қонуниятҳои табиии ва анъанаҳои миллӣ такя намуда, фаъолиятро густариш диҳад. Дар натиҷаи андӯхти таҷрибаи зиёд бахши хусусӣ бо дарназардошти дараҷаи баланди ватандустӣ метавонад дар таҷдид ва азнавсозии дигар объектҳои стратегии инфрасохтори давлатӣ фаъолиятро ба роҳ монад. (саҳ. 49-61)

**Дар боби дуюм – «Таҳлил ва арзёбии фаъолияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ»,** таҳлили ҳолати кунунӣ ва ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа, арзёбии иқтисодии вазъи иҷрои ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва таҳлили вазъи дигар минтақаҳои кишвар, инчунин ошкорсозии муаммоҳои амалигардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар НТҶ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур махсусан қайд мегардад, ки таҳлили вазъи кунунӣ ва ҳолати ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, ҳамчун маҷмуи муносибатҳои давлатӣ, сохтори омехтаи ташкилию идоракунӣ ифода меёбад, ки самаранок

амалӣ намудан ва таъмини рушди ШДБХ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, имконияти ҳалли мушкилоти иқтисодию иҷтимоиро дар минтақа таъмин менамояд. (саҳ. 83-91)

Дар диссертатсия асосҳои методологии муайян намудани мафҳум ва вижагиҳои хоси ташаккули таъминоти инфрасохторӣ ва рушди шарикии давлат дар бахши хусусӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ баррасӣ шудааст. Қайд шудааст, ки ташаккулёбии таъминоти инфрасохторӣ ва рушди шарикии давлат дар бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонӣ заминаи рушди босуботи иқтисодиётро фароҳам оварда, бо ҳамин ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд оварда, ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд. (саҳ. 103-111)

Бо ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ӯ қайд мекунад, ки дар мавриди мураккаб гардидани муносибатҳои институтсионалӣ, яъне пайдо гардидани масъалаҳои хусусияти соҳавидошта, зарурат ба такя намудани дигар қонун ва қоидаҳо мегардад. Агар ташкили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати коркард ва фурӯши канданиҳои фоиданок шавад, пас зарурати такя намудан ба талабот ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи канданиҳои фоиданок» ба вуҷуд меояд. Агар дар раванди фаъолият талабот ба истифодаи имкониятҳо ва хизматрасониҳои давлатӣ ба вуҷуд ояд метавонем аз имкониятҳои фароҳамнамудаи давлат тибқи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имтиёзҳо» истифода намоянд. (саҳ. 118-126)

**Дар боби сеюм «Роҳҳои таъмини рушди иқтисодиёти минтақа дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ»** масъалаи қоидаҳои ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун асоси рушди иқтисодии минтақа, механизмҳои сармоягузории рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа, дурнамои иҷрои сиёсати давлатӣ ва рушди баробарии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкор намудани самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ дида баромада шудаанд.

Дар боби мазкур аз ҷониби муаллиф роҳҳои таъмини рушди иқтисодиёти минтақа дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод гардидааст, ки дар натиҷаи он истифодаи ин механизм ба рушди иқтисодиёти минтақа алалхусус дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оварда мерасонад. (саҳ. 149-156)

Диссертант дар кори илмии худ қайд менамояд, ки базаи меъёрию ҳуқуқӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти амалишавии қоидаҳои самаранокии намудҳои ШДБХ пурзӯр карда шавад, ки он дар натиҷа барои

қабули қарорҳои идоракунӣ ва истифодаи фишангҳои иқтисодии давлат таъсири мусбӣ расонад. (саҳ. 159-163).

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳангоми амалӣ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ муҳити солим барои ҷалби сармоягузориҳои давлатӣ фароҳам оварда шавад, то ин ки самаранокии он баланд бардошта шавад. Дар натиҷаи ин гуна ҳамкорӣ миёни бахши давлатӣ ва хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ метавонад дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ низ самараи синергетикиро дар бар гиранд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**9. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Дар диссертатсия танҳо номбаркунии механизмҳои ШДБХ мушоҳида мешавад. Танҳо номбар кардани механизмҳои ШДБХ кофӣ нест. Тасниф ва тавзеҳи онҳо талаб карда мешавад, ки чӣ гуна онҳо дар заминаи сиёсат кор мекунанд.

2. Муаллиф бояд дар асоси таҳқиқоти худ нишон медод, ки ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз дигар минтақаҳои чӣ фарқият доранд дар истифодаи фишангҳои ШДБХ.

3. Муайян кардан муҳим буд, ки кадом омилҳои мушаххас (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ) ба имкониятҳо ва маҳдудиятҳои ШДБХ дар ин минтақаҳо таъсир мерасонанд.

4. Ҳар як лоиҳаи ШДБХ хавфҳои худро дорад. Муаллиф дар диссертатсияи худ бояд онҳоро муайян менамуд ва усулҳои паст намудани онҳоро пешниҳод мекард.

5. Дар боби 3-юми диссертатсия муаллиф бояд пешниҳодҳои мушаххаси худро оид ба такмил додани сиёсати минтақавиро пешниҳод менамуд.

Бояд қайд намоем, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши баланди илмии онро коста намекунад.

## 10. Хулосаи умумӣ

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади имлҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодёити минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси,**
**6D052000 – Бизнес - мудирияти соҳибкорӣ, и.в.,**
**дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идораи**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Сафозода Ҳ.С.**

Имзои доктори фалсафа **(PhD) и.в., дотсент** Сафозода Ҳ.С.- ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва назоратии ДТТ** **Раҳматулло Нусратулло**

*Суроға:* 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
*ш. Душанбе, куч. Н. Қарабоев 63/3*
***Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***
*Тел: +992 938-68-68-89,*
***E-mail:*** safoev2017@mail.ru